**«ТАСДИК МЕНАМОЯМ»**

Ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, профессор Маҳмадёрзода Усмон Маъмур

____________________________

«__24__» ____________ 2024 сол

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР

Диссертатсияи Элчибекова Баҳригул Идибековна дар мавзуи «Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси: 09. 00. 03 – Таърихи фалсафа дар кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ба анҷом расидааст.

Элчибекова Баҳригул Идибековна соли 2013 факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси файласуф (муаллим) хатм карда, фаъолияти худро аз соли 2014 ба ҳайси ассистенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур оғоз намудааст.

Ба довталаби дараҷаи илмӣ Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳони номзадӣ аз тарафи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 6 – уми апрели соли 2024, таҳти рақами № 53 дода шуда тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ Зиёев Идибек Ғозиевич доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи диншиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Мавзӯи диссертатсия ва ризоияти роҳбари илмии унвонҷӯй дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз 3 – юми июли соли 2019, таҳти № 13 тасдиқ гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокима ва баррасӣ ҷаласаи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ **ба чунин хулоса омад:**

Диссертатсия дар сатҳи хуби илмию назариявӣ таълиф ёфта, аз муқаддима, ду боб бо фарогирии шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти муҳаққиқ иборат аст.

Диссертатсияи Элчибекова Баҳригул Идибековна ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими таърихи фалсафаи тоҷик, масъалаи инсоншиносӣ

бахшида шудааст. Муҳиммияти мавзуи инсоншиносӣ Фахриддини Розӣ дар он зоҳир мешавад, ки ӯ неруҳои ботинии инсонро аз мавқеи фалсафа ва ратсионализми динӣ нишон дода, огоҳии инсонро аз ҷавҳарии аслии хеш муҳим арзёбӣ кардааст. Аз ин нуқтаи назар, ҳангоми омӯзиши воқеъбинонаи илмии эҷодиёти Фахриддини Розӣ хусусан таълимоти инсоншиносии ӯ ба чунин натиҷа метавон расид, ки он дар муқобили назарияҳои исломии тундраву анъанавӣ ва мувофиқ ба афкору назарияҳои реформатии исломӣ баррасӣ гардидааст. Ҷиҳати муҳими дигари кори илмии муаллиф дар он аст, ки то ба ҳол коркард нашудани ин бахши таълимоти мутафаккир ва ё қисман пажуҳишҳои ҷудогонаи афкори ӯ ба фаҳмиши яктарафаи андешаҳои мутафаккир оварда мерасонад. Аз ин рӯ, омӯзиши осори ӯ дар шароити муосир аз аҳамият холӣ нест, зеро дар онҳо табиату моҳияти инсон, маънию мақсади зиндагӣ, ҳуқуқу озодиҳои ӯ, роҳҳои расидан ба камолоти маънавии инсон ва ғайра мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки дар ҳар гуна ҷомеа ва давру замон дорои арзишҳои муҳим мебошанд.

Таълимоти инсоншиносӣ Фахриддини Розӣ дорои аҳаммияти фалсафӣ - илмӣ буда, дар ҳаёти маънавӣ, фарҳангӣ ва динии ҷомеаҳои мусалмонӣ мавқеъ ва таъсири шоистаро сазовор аст, зеро таълифоти ин мутафаккир то ба имрӯз ҳамчун намунаи беҳтарини афкори ақлгароёнаи каломи фалсафӣ, мантиқӣ - фалсафӣ ва сиёсӣ-иҷтимоӣ хизмат намуда истодааст. Бо вуҷуди ин аксари ҷанбаҳои таълимоти ӯ, махсусан, андешаҳои инсоншиносӣ, мантиқӣ, ахлоқӣ - зебоишиносӣ, сиёсӣ - иҷтимоӣ ва психологияш ба ҳадди зарурӣ таҳқиқ ва коркард нашудаанд. Ҳамин тариқ, омӯзиш ва тадқиқи осори Фахриддини Розӣ аз аҳамият холи набуда, омӯзиш ва таҳқиқи онҳо дар коркарди аксари проблемаҳои фалсафӣ, бахусус фалсафаи муосир мусоидат менамоянд. Мавзуи диссертатсия натанҳо аҳамияти илмӣ – методологӣ, балки аҳамияти бузурги амалиро низ дар шароити кунунӣ доро мебошад..

Муҳтавои диссертатсия ва номи мавзуъ ба талаботи таҳқиқотии соҳавии шиносномаи ихтисоси 09.00.03. – таърихи фалсафа мувофиқат мекунад. Муаллиф дар диссертатсия вобаста ба мавзуи таҳқиқот аз манбаъҳои муътамади илмӣ истифода намуда, масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор гирифта шудааст.

**Мавзуи диссертатсия** ба зербанди 5-уми банди 4.5-и “Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст

мутобиқат мекунад. Ҳамзамон таҳқиқоти мазкур дар самти илмҳои ҷомеашиносӣ, махсусан фалсафаи ватанӣ иқдоми муҳим ва наҷиб ба шумор рафта, омӯзиши осори Фахриддини Розӣ махсусан дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон аҳамияти бузурги илмӣ-назарявӣ дорад, зеро он дар ҷустуҷӯи усулҳои оптималии инкишофи шахсият ва ҷамъият дар заминаи дастоварду анъанаҳои фарҳанги миллӣ, ва ташакул додани як шахсияти баркамол мусоидат менамоянд, зеро дар таълимоти ин мутафаккир ташаккули шахсияти инсон рукни муҳими давлату давлатдорӣ дониста мешавад.

Диссертант дар раванди таҳқиқоти мавзуи таҳқиқшаванда паҳлуҳои мухталифи масъалаи инсонҳо дар таълимоти Фахриддини Розиро дар интишороти илмии худ аз қабили 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин 5 мақола дар маводи конференсияҳои сатҳҳои гуногун аз ҷумла дар маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявию умумидонишгоҳӣ нашр намудааст.

**Аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия маълум гардид, ки дар кор як қатор навовариҳои илмии таҳқиқот мавҷуд мебошад:**

- бори нахустин дар таърихи фалсафаи тоҷик таҳқиқи илмии моҳияти таълимоти инсоншиносии Фахриддини Розӣ ҳамчун қисми таркибии таълимоти фалсафии анҷом гарифтааст;
- проблемаҳои марказии пайдоиш ва моҳияти инсон дар контексти ҷаҳонбинии мутафаккир мушаххас гардидаанд;
- ҷанбаҳои муҳими таълимоти антропологии мутафаккир нишон дода шудаанд;
- асли маънавӣ-ахлоқии таълимоти “инсони комил” асоснок шудааст;
- таҳлили илмии ратсионализми динии Фахриддини Розӣ доир ба инсон ва мухолифати он ба таассуби динӣ анҷом гардидааст;
- масъалаи «инсони комил» дар осори Фахриддини Розӣ ва муқоисаи назарияи ӯ бо назарияи аҳли тасаввуф дар барои “инсони комил” таҳқиқ шудааст;
- баррасии илмии далелҳои Фахриддини Розӣ бар зидди фатализми Ғаззолӣ ҳимояи аҳли фалсафа ва ба каломи исломи ҷанбаи ақлонӣ бахшидан нишон дода шудааст.

Фахриддини Розӣ аз ҷумлаи намояндагони барҷастаи каломи фалсафӣ аст, ки на фақат ба тарғиби масъалаҳои инсоншиносию ахлоқӣ пардохтааст балки мутафаккирест, ки баробари тарғиби илмҳои гуногун ба шарҳу баёни каломи фалсафӣ низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Ӯ бо ин мақсад қомуси илмӣ «Ҷомеъу-л-улум»-ро таълиф намудааст, ки

фарогири илмҳои калом, суханварӣ, забоншиносӣ, низоъшиносӣ, ахлоқ, зебоишиносӣ, фалсафа, табиатшиносӣ, тиб, алҷабр, назарияи мусиқӣ, нуҷум, метафизика, назарияи шоҳмотбозӣ ва ғайра мебошад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** нуктаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсияро барои коркарди курсҳои махсуси таълимӣ ва лексияҳо оид ба таърихи фалсафа, ахлоқу зебоишиносӣ, сотсиология, психология, диншиносӣ ва ғайра метавон истифода бурд, инчунин ғояҳои илмии диссертатсияро дар тадқиқоти соҳаи сотсиология, психология, корҳои ташвиқотӣ дар мубориза алайҳи мафкураи тундрави динӣ ва ҳамчунин дар омодасозии маводи таълимӣ аз рӯи мавзуи мавриди баҳс метавон истифода бурд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи асосҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок мебошад. Ҳамчунин эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар бе зиддиятии мантиқии муҳокимаю хулосабарориҳо, пайдарҳамии фирку андеша, ва равшану возеҳии онҳо буда, истифодаи методҳои илмии истифодашуда бо таҳқиқоти таърихи фалсафа ва инсоншиносӣ ифода меёбад. Инчунин дар таҳқиқоти мавзуи диссертатсия ба ҳайси сарчашма асарҳои худи Фахриддини Розӣ ва манбаъҳои илмӣ-таърихӣ истифода шудаанд, ки қисме аз натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи таҳлили онҳо ба даст омадаанд. Инчунин хулосаҳои муаллиф дар заминаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуъ ва таҳлилҳои илмӣ-фалсафии он натиҷагирӣ шудаанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯй** таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро мустақилона ҷамъбаст кардааст.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Элчибекова Баҳригул Идибековна дар 9 мақолаи чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла, 4 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маводи конференсияҳои сатҳҳои гуногун инъикос ёфтаанд, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Элчибекова Б.И. Гедонизм дар таълимоти Фахриддини Розӣ // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бахши фалсафа, минбари муҳаққиқони ҷавон. №2 (194).-Душанбе, 2021.-С.186-189. ISSN 0235-005X.

[2-М]. Зиёев И.Ғ., Элчибекова Б.И. Андешаҳои Фахриддини Розӣ оид ба нафс // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафа. -Душанбе.: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. 2023.- С.81-87. № 12. Қисми 11. ISSN 2074-1847.

[3-М]. Зиёев И.Ғ., Элчибекова Б.И. Андешаҳои Фахриддини Розӣ дар бораи инсон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафа. -Душанбе.: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. 2024. № 1.-С.131-138. № 1. ISSN 2074-1847.

**Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[4-М]. Элчибекова Б.И. Моҳият ва муҳтавои назарияи маърифати Фахриддини Розӣ // Маҷмӯи мақолаҳои конфронси ҷумҳуриявӣ оид ба «Нақши фалсафа дар баррасии масоили мубрами замони муосир»-и кафедраи фалсафаи умумидонишгоҳии ДМТ.-Душанбе. 2018.-С.151-158.

[5-М]. Қаландаров М.И., Элчибекова Б. И.Назарияҳои сиёсӣ-иҷтимоии Фахриддини Розӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Нақши институтҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ.-Душанбе. 12.12.2018.-С.334-345.

[6-М]. Худойдодзода Ф.Б., Қаландаров М.И., Элчибекова Б. И. Назарияи маърифати Фахриддини Розӣ // Конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои муҳими рушди фалсафа дар Тоҷикистони муосир». ДМТ. - Душанбе, 2019.-С. 38-44.

[7-М] Элчибекова Б. И. Назарияи шакоккияи Фахриддини Розӣ. Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмиллалӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир» бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳрии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии факултети фалсафаи ДМТ. -Душанбе. 2021.-С.245-251.

[8-М]. Элчибекова Б. И. Ақлу ваҳй ҷузъи таркибии инсоншиносии асримиёнагии Шарқ // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмиллалӣ дар мавзӯи «Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ” бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе. 2023.-С. 298-307.

Дар хулосаи маҷлис муҳтавои диссертатсия, алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм дар ҷумҳурӣ, мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд. Автореферат ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия мувофиқ мебошад. Кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ

Шоҳтемур диссертатсияи номзадии Элчибекова Баҳригул Идибековнаро дар мавзуи “Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ” кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳим меҳисобад, ки дар сатҳи зарурии илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина диссертатсияи мазкур ба ҳимоя ва барои дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур қабул карда шудааст. Протоколи № 9 аз 24-уми апрели соли 2024.

Дар маҷлис 16 нафар, ки аз онҳо 1 нафар доктори илм профессор, 5 нафар номзадҳои илм, 4 нафар муаллими калон ва 6 нафар ассистент иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «ҷонибдор» - 16 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси маҷлис:
Мудири кафедраи фалсафа
ва сиёсатшиносӣ, номзади
илмҳои фалсафа, дотсент Раҳматов У.Н.

Котиби ҷаласа:
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Асомадинов М.А.

Имзои Раҳматов У.Н ва Асомадинов М.А - ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.

Суроғаи муассиса:
734003, ҶумҳурииТоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 146.
Тел.: (+992 37) 224-72-07